Published on The Committee of Language and Terminology by the Government of the Republic of Tajikistan (https://istilohot.tj)

# Шиносой аз фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, соҳаи тандурустӣ ва корҳои ободонию созандагӣ дар ноҳияи Тоҷикобод

Submitted by Ҳайати тадорукот on 28 November, 2025 - 13:42

[1]

Намояндаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Сахидод Раҳматуллозода ва раиси ноҳияи Тоҷикобод муҳтарам Фақерзода Қадриддин Аббос аз ҳолати фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, соҳаи тандурустӣ, инчунии корҳои ободонию созандагӣ дар ноҳияи Тоҷикобод шинос шуданд. Ин тадбир дар асоси дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳандозӣ гардид. Дар рафти шиносой аз ҷониби намояндаи Ҳукумат бобати дар сатҳи баланди ташкилӣ

гузаронидани зимистон, захираи кофии маводи хурока, омода ва бо риояи қоидаҳои агротеҳникӣ кишт намудани заминҳои кишоварзӣ, вусъати корҳои ободонию созандагӣ ба истиқболӣ 35-солагии ҷашни Истиқлолӣ давлатӣ, беҳтар намудани сатҳу сифати таълим дар муассисаҳои таълимӣ, беҳтар ба роҳ мондани хизматрасонӣ дар соҳаи тандурустӣ ва ғайраҳо дастуру супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъулин расонида шуд.
Ҳамчунин, гурӯҳҳои кории таблиғотии доимоамалкунандаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия вазифадор гардиданд, ки зимни вохӯриҳояшон дар ҳар як деҳаю маҳаллаҳо масъалаи фарҳанги истифодаи сарфакоронаи неруи барқро дар байни мардум васеъ фаҳмонанд.

**Content rating:** Select rating
Average: 5 (1 vote)

Rate

## Category:

- Ахбори рӯз [2]

-

-

-

- 

- 

**Source URL:**https://istilohot.tj/en/node/7201?mini=2026-02

**Links**
[1] https://istilohot.tj/sites/default/files/field/image/591661751_122182252634462396_1314451510290200019_n.jpg [2] https://istilohot.tj/en/taxonomy/term/10 [3] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/587270515_122182252466462396_8773130278424701311_n.jpg [4] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/588496981_122182252592462396_7044499205316306367_n.jpg [5] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/588773174_122182252424462396_3755763516956082571_n.jpg [6] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/589248547_122182252550462396_5109895571587215654_n.jpg [7] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/591661751_122182252634462396_1314451510290200019_n.jpg [8] https://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/591885650_122182252682462396_3191331007828337232_n.jpg